# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод гардидааст.

Дар шароити рушди босуръати илм ва технология омӯзиши таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода аҳаммияти махсуси илмӣ, таърихӣ ва таълимӣ дорад. Адади сода аз қадимтарин объекти таҳқиқоти математикӣ ба шумор рафта, нақши онҳо дар рушди назарияи ададҳо, алгебра, информатика ва криптография ниҳоят бузург мебошад.

Дар ин замина, мавзуи диссертатсионии «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами таърихи математика бахшида шудааст.

Дар автореферат қайд мегардад, ки навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф кӯшиш намудааст раванди таърихии ташаккул ва рушди назарияи ададҳои содаро аз давраи қадим то замони муосир дар заминаи таҳлили муқоисавии сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ баррасӣ намояд. Бояд зикр намуд, ки бори аввал масъалаи рушди ин самти илм дар Тоҷикистон ба таври низомманд ва пайваста мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ҷамъбаст ва таҳлили мероси илмии олимони асримиёнагии тоҷику форс, Аврупо, инчунин дастовардҳои олимони рус ва тоҷик вобаста ба назарияи ададҳои сода зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълими фанҳои таърихи математика, назарияи ададҳо, курсҳои махсус ва омода намудани дастурҳои таълимӣ ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия ба пуррагӣ мухтавои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои
физика-математика, профессори
кафедраи математикаи олии Донишгоҳи
славянии Тоҷикистон - Русия Қурбоншоев С.З.

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикисто,
шаҳри Душанбе, хиёбони Турзунзода 30,
Тел.: (+992) 935 000 327, 918 46 03 27
E-mail: rtsu_slavistica@mail.ru.

Имзои д.и.ф.м., профессор
С.З. Қурбоншоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи славянии Тоҷикистон – Русия Исмоилова М.Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Турсунзода 30.
Тел: +992(37) 2-21-35-50.
E-mail: rtsu_slavistica@mail.ru.
«07» 08 соли 2026

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод гардидааст.

Дар рушди илмҳои дақиқ омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули донишҳои математикӣ яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, мавзуи диссертатсионии Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» ба омӯзиши яке аз соҳаҳои бунёдӣ ва қадимтарини математика бахшида шуда, аҳаммияти баланди илмӣ, таърихӣ, назариявӣ ва таълимӣ дорад. Маҳз назарияи ададҳои сода ҳамчун пояи асосии назарияи ададҳо дар тамоми марҳилаҳои рушди математика мавқеи марказиро ишғол намуда, дар ташаккули бисёр самтҳои муҳими илмҳои дақиқ нақши калидӣ бозидааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки масъалаҳои вобаста ба ададҳои сода аз замони қадим то имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи математикон қарор доранд. Омӯзиши қонуниятҳои тақсимшавӣ, сохтори ададҳои сода ва хусусиятҳои он боиси пайдоиши як қатор назарияҳо ва кашфиётҳои муҳим гардидааст. Дар шароити муосир бошад, аҳаммияти назарияи ададҳои сода аз доираи математикаи назариявӣ берун рафта, дар криптография, амнияти иттилоотӣ, системаҳои рамзгузорӣ, технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи маълумот татбиқи васеъ пайдо намудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи решаҳои таърихӣ ва марҳилаҳои ташаккули ин самти илм барои дарки амиқи қонуниятҳои рушди афкори математикӣ зарур мебошад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки навгонии илмии таҳқиқот дар омӯзиши фарогир ва низомманди таърихи рушди назарияи ададҳои сода, таҳлили муқоисавии мактабҳои илмии гуногун ва муайян намудани нақши олимони тоҷику форс, аврупоӣ, рус ва тоҷик дар ташаккули ин соҳаи илм зоҳир мегардад. Муаллиф кӯшиш намудааст раванди инкишофи назарияи мазкурро дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ нишон диҳад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани донишҳо оид ба таърихи математика ва назарияи ададҳо, муайян намудани қонуниятҳои рушди назарияи ададҳои сода ва таҳлили саҳми мактабҳои илмии гуногун ифода меёбад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар истифодаи натиҷаҳои он ҳангоми таълими фанҳои «Таърихи

математика», «Назарияи ададҳо», «Таърихи илмҳои дақиқ», таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва анҷом додани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ таҷассум меёбад.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи интихобшуда бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, фарогирии васеи маводи илмӣ, таҳлили амиқи сарчашмаҳо ва истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти муҳими илмӣ буда, метавонанд барои омӯзиши минбаъдаи таърихи математика ва рушди назарияи ададҳо ҳамчун манбаи арзишманд хизмат намоянд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз руйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика), сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои физика-математика,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
алгебра ва назарияи ададҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собиров А.Ш.

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикисто,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
Тел.: (+992) 907 388 038
E-mail: info@uef.tnu.tj

Имзои д.и.ф.м., профессор
А.Ш. Собиров - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992-37) 221 77 11.
E-mail: info@uef.tnu.tj

«06» 08 соли 2026

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод гардидааст.

Дар замони муосир омӯзиши фанҳои дақиқ, аз ҷумла масъалаҳои илми риёзӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро рушди босуръати илмҳои дақиқ ва густариши истифодаи технологияҳои рақамӣ омӯзиши таърихи пайдоиш ва таҳаввули ғояҳои бунёдии математикӣ аҳаммияти хосса касб менамояд. Аз ҷумла, назарияи ададҳои сода ҳамчун яке аз самтҳои қадимтарин ва сермаҳсули математика дар ташаккули афкори илмии башарият нақши арзишманд гузоштааст. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсионии «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» мубрам, саривақтӣ ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ-методологӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда, чӣ тавре аз автореферат бармеояд, ба омӯзиши марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи назарияи ададҳои сода аз давраҳои қадим то замони муосир бахшида шуда, равандҳои асосии рушди ин соҳаи математика дар минтақаҳои гуногуни фарҳангӣ ва илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дастовардҳои олимони асримиёнагии тоҷику форс, Аврупо ва Тоҷикистонро дар рушди назарияи ададҳо таҳқиқи намуда, саҳми олимони барҷастаро дар ташаккули ин бахши муҳими илм муайян намояд.

Сохтори рисола бо назардошти мантиқи таҳқиқоти илмӣ таҳия гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боби асосӣ, хулосаҳои байнибобӣ ва хулосаи ҷамъбастӣ иборат мебошад. Чунин сохтор имкон медиҳад, ки масъалаҳои таҳқиқшаванда пайдарпай, муназзам ва дар асоси принсипҳои таърихият ва воқеиятшиносӣ баррасӣ карда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар омӯзиши комплексӣ ва фарогири таърихи рушди назарияи ададҳои сода, муайян намудани нақши олимони тоҷику форс ва Аврупо дар ташаккули ин соҳаи илм, инчунин таҳлили рушди назарияи мазкур дар Тоҷикистон зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, рисола дорои арзиши муҳими таърихӣ буда, барои пурра намудани саҳифаҳои нокифоя омӯхташудаи таърихи математика мусоидат менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи тасаввуроти мукаммал оид ба қонуниятҳои рушди назарияи ададҳои сода ва ҷойгоҳи он дар низоми донишҳои математикӣ ифода меёбад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълими курсҳои «Таърихи математика», «Назарияи ададҳо», «Таърихи илмҳои дақиқ», таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир мешавад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро ифода намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» ифодаи илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) сазовор дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои
физика-математика, дотсент, директори
Институти математикаи ба номи
академик А.Ҷӯраеви Академияи
миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода А.О.

Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикисто,
шаҳри Душанбе, хиёбони Айни 299/4,
Тел.: (+992) 933 53 53 07.
E-mail: roa8787@mail.ru

Имзои н.и.ф.м., дотсент
А.О. Раҳимзода- ро тасдиқ менамоям:
Мудири шӯъбаи кадрҳои
Институти математикаи ба номи
академик А.Ҷӯраеви АМИТ Юсупова З.

Суроғаи муассиса: 734063, ш. Душанбе, хиёбони Айни 299/4.
Тел.: (+992) 372 25 80 89.
E-mail: mitas@mail.ru

«___06___»________08________соли 2026

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод гардидааст**

Назарияи ададҳои сода аз замонҳои қадим диққати олимонро ба худ ҷалб намуда, дар ташаккул ва рушди математикаи назариявӣ нақши муҳим бозидааст. Дар шароити муосир аҳаммияти ин самти илм боз ҳам афзуда, натиҷаҳои он дар криптография, технологияҳои иттилоотӣ, амнияти рақамӣ ва дигар соҳаҳои илм ва техника васеъ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи ташаккул ва марҳилаҳои рушди назарияи ададҳои сода муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ яке аз бахшҳои муҳим ва бунёдии илми математика, ба таърихиназарияи ададҳои сода бахшида шудааст.

Навгонии илмии рисола дар таҳлили ҳамаҷонибаи марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода, омӯзиши саҳми олимони давраҳои гуногуни таърихӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи ин назария дар рушди математика ифода меёбад. Дар доираи таҳқиқот имконияти нишон додани робитаи байни дастовардҳои таърихӣ ва тамоюлҳои муосири рушди назарияи ададҳо фароҳам оварда мешавад.

Чӣ тавре аз автореферат бармеояд, мақсади таҳқиқот аз омӯзиши таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода, таҳлили ақидаҳо ва натиҷаҳои илмии олимони барҷаста ва муайян намудани нақши онҳо дар пешрафти математика иборат мебошад. Барои ноил шудан ба мақсад вазифаҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, таҳлили дастовардҳои илмии математикони машҳур ва баррасии татбиқи муосири назарияи ададҳои сода пешбинӣ шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ҷамъбаст ва низомнок намудани маълумоти таърихӣ оид ба рушди назарияи ададҳои сода ифода меёбад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълими фанҳои математика, таърихи математика ва назарияи ададҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

Автореферати диссертатсия ба пуррагӣ мухтавои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз руи мазмуни автореферат, диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои физикаю математика,
профессор, профессори кафедраи информатика
ва математикаи ҳисоббарори
факултети математикаи МДТ
«ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Тухлиев Қ.
«__10__»___08___соли 2026

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1.
МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
Рақ. мобилӣ: (+992) 92-754-95-50
E-mail: kamaridin.t54@mail.ru

Имзои д.и.ф.-м., профессор Қ. Тухлиевро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Сайдуллозода З.С.
«__10__»___08___соли 2026